# ТАҚРИЗ

**ба автореферати (автореферат) диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот)**

Тадқиқоти диссертатсионии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) аз ҷиҳати талабот ба замони муосир муҳим мебошад, зеро арзиши баланди тарбиявӣ дорад ва дар шароити муосири ҷаҳонишавии таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, фаъолона ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён тавассути дарсҳои таърих ва таърихи пурғановати миллати тоҷик таъсир расонида, тарбияи маънавӣ - ахлоқии онҳоро тавоно гардонида, бухрони маънавиро аз ҷомеа дур месозад.

Дар раванди омӯзиши фанни таърих донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳар чи бештар ба он равона карда мешаванд, ки аз раванду ҳодисаҳо далелҳоро мустақилона ҷустуҷӯ ва пайдо намуда тавонанд. Раванди омӯзиши фанни таърих халқи тоҷик дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии самти омӯзгорӣ дошта муфассал оварда шудааст.

Мубрамияти ин фанни таълимӣ дар он мебошад, ки тавассути омӯзиши он шахсияти дорои сифатҳои худбаҳодиҳии воқеӣ, дар пайдо намудан ва бисёршаклии ахбор барои саривақт коркард намудани он дар доираи имкониятҳои мавҷуда омода карда мешавад ва яке аз равандҳои ҳадафмандонаи педагогии ташкилу ҳавасмандкунии

фаъолнокии таълимӣ - маърифатии донишҷӯён роҷеъ ба аз худ намудани донишҳои илмӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ бо истифода аз роҳу воситаҳои дидактикии фаъолгардонии таълим маҳсуб меёбад.

Дар десертатсия барои ташаккул ва инкишоф додани ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёнро тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун заминаи бунёдӣ - методологии ташаккули салоҳиятнокӣ, роҳу равиш ва омилҳои боэътимоди рушди фаъолияти касбии омӯзгорони оянда дар назар дошта шудааст.

Дар таҳқиқ ва таҳияи диссертатсия, диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки аз манбаъҳо ва асарҳои илмӣ - таҳқиқотии дастрасшуда, аз ҷумла таҳқиқотҳои олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ, таърих ва аз асарҳои олимон васеъ истифода барад.

Довталаб дар диссертатсия вобаста ба талаботи нав моҳияти яке аз принсипҳои асосии таълим - принсипи фаъол буданро ошкор карда, ҳамзамон роҳҳои татбиқи методҳо ва шаклу воситаҳои нави ташкили таълими фанни таърихи халқи тоҷикро дар замони муосир тавассути гузаронидани озмоишу таҳқиқотҳои илмӣ бо истифода аз методҳои мухталифи таҳқиқотӣ баён ва пешниҳод менамояд. Дар охири ҳар боб озмоишу пажӯҳиши амалӣ ва натиҷаи таҳқиқоташро ҷамъбаст кардааст.

Дар хулоса диссертант масъалаҳои ба миёнгузоштаашро мавриди омӯзишу таҳқиқи амиқ ва ҷиддӣ қарор дода, натиҷагирӣ намуда ва роҷеъ ба муҳимияти ҳар қисмати он андешаву назари худро иброз дошта, хулосаи мантиқӣ бароварда шудааст.

Хулоса, таҳқиқотҳои илмӣ ва тавсияҳое, ки анҷом дода шудаанд, метавонад барои ташаккули фаъолнокии маърифатии мутахассисон оянда кӯмак расонад.

Диссертант дар таҳқиқи рисолааш заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфта метавонам, ки

диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмонро кори илмии баанҷомрасида ва арзиши илмии назариявӣ ва амалидошта ҳисобид.

Автореферат низ ба талабот ҷавобгӯ буда, мухтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ – маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, чавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.04. – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи
Математикаи олӣ ва физикаи ДПДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Раҳимов А.А.

Имзои А.А. Раҳимовро
Тасдиқ менамоям:
Мудири шӯъбаи кадрҳои ДПДТТ
Ба номи ак. М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Ёқубова М.А.

Суроға: 73500 Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ш.Хуҷанд: Кӯчаи И.Сомонӣ 226